АЗ МАРДУМИ АМРИКО

Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

ФОНДИ ОҒОХОН

# Тез бихон, тез бигӯ!



Китобчаи мазкур бо кӯмаки мардуми Амрико нашр шудааст, ки он аз тариқи Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) расонида мешавад. Мазмун ва мундариҷаи ин китоб маҳсули муаллиф буда, метавонад бо нуқтаи назари USAID ва Ҳукумати ИМА мувофиқат накунад.

Чумчуқи чирриқосӣ,
Дар дараи Алмосӣ.





«Чӣ-чӣ! Чӣ-чӣ!» – мегӯяд,
Пурсем, «Чӣ-чӣ?!» – мегӯяд.



Оби чашма софи соф,
Ин чашма дар кӯҳи Қоф.







Табақча пури ҷазза,
Ҷиззу бизи бамазза.



Дар қадаки як ҷӯча
«Чӣ-чӣ» дорад даҳ чӯҷа.







Шашто моҳӣ ба дастам,
Шаш моҳӣ дошт шастам.



Нишаста шохи шаҳтут
Як ҳудҳуд не, ду ҳудҳуд.





Барра арра – қофия,
Арра барра – қофия.



Лола духтари хола,
Хола дорад як Лола.







Шинондам бо дили шод
Ду бодому як шамшод.







Об хӯрад чумчуқча,
Чумчуқ хӯрад аз хумча.



Додои бобом
Бобои додом.
Додои додом,
Медонӣ, бобом.




2 + 2 + 2 = 6
6 + 6 + 6
6 + 6 + 6




Се ду шашу ду се шаш,




Шашто шашаш – сию шаш.

## Саволҳо:

« Лола духтари хола,
Хола дорад як лола»
Тез гуфта метавонед?

«Шашто моҳӣ ба дастам» чӣ маънӣ дорад? Тез хонед-чӣ?

«Додои додом» кӣ мешавад?
Тез гуфта метавонед?

«Об хӯрад чумчуқча,
Чумчуқ хӯрад аз хумча»-ро тез хонда метавонед?

## Калонсолони гиромӣ!

Китобе, ки Шумо дар даст доред, барои инкишофи зеҳн, омӯзиши забони модарӣ ва бедор намудани шавқу ҳаваси кӯдакон ба китобу китобхонӣ омода гардидааст. Тавсияҳои муҳиме, ки мавриди истифодаи китоб ба Шумо ҳамчун роҳнамо кӯмак мерасонанд:

- Хуб мебуд, ки Шумо дар як рӯз аз 15–20 дақиқа то 35–40 дақиқа вақт ҷудо карда, бо кӯдак ҳамроҳ фаъолият намоед.
- Пеш аз ҳама китобро ба кӯдак диҳед, то ки мустақилона варақгардонӣ карда, аз тамошояш завқ барад, қаноатманд шавад. Дар вақти тамошо бо ӯ ҳамроҳ бошед ва расмҳои мувофиқ нишон додани кӯдак, маълумоти заруриро ба кӯдак гуфта диҳед.
- Ҳар як асари бадеиро ботамкин, пурсаброна ва то ба охир хонда, нақл намоед. Доир ба афсонаи хондашуда якчанд супориш диҳед ва дар бораи суратҳо нақл кунед. Мавриди савол додан, кӯшиш кунед, ки ба ӯ ҷавоби пурра диҳед.
- Бигузор кӯдак аз паси Шумо калима, ибора ва ҷумлаҳоро такрор кунад. Мавриди нақли асари бадеӣ нутқи адабии кӯдаконро инкишоф диҳед.
- Барои ба даст овардани муваффақият кӯдакро шавқманд намоед. Дар кӯдак боварӣ ба худро ташаккул диҳед.

**Комёбу муваффақ бошед!**

# Боз ин китобҳоро хонед!

